# СУРАТҶАЛАСАИ № 19

## аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 12-уми августи соли 2024-ум ш.Хуҷанд

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

1. Мирзоюнус Матлуба
2. Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович
3. Азимова Матлуба Нуриддиновна -
4. Ғаффорова Умеда Абдуллоевна -
5. Муродӣ Низомиддин
6. Насриддинов Фахриддин Абдуманнонович
7. Нуров Нуралӣ Норович
8. Расулов Суҳайлӣ (онлайнӣ)
9. Султонзода Тоҷибой
10. Файзуллоев Неъматҷон
11. Шокиров Туғрал Сироҷович (онлайнӣ)
12. Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна
13. Ҳамробоев Насимҷон Абдуллоҷонович

**Раиси Шуро:** д.и.ф., профессор Мирзоюнус Матлуба:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 5-уми июли соли 2024-ум, таҳти № 197/шд тасдиқ гардидааст, 13 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 2 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 13 нафар ҳозирбудагон 5 нафар доктори илмҳои филологӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошанд.

Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

## РӮЗНОМА

2. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Султонзода Гулбаҳор Абдувайит** дар мавзуи **«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, накду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» **Саидов Саидумрон Ғаниҷонович**) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

Оид ба рӯзномаи ҷаласа ягон фикру андешаҳо ҳаст? Агар набошад рӯзномаро ба овоз мемонам: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф - нест.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ баромад намуда, барои ошно намудани аъзоёни Шуро бо ариза, диссертатсия, автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Султонзода Гулбаҳор** суханро ба котиби илмии Шуро, номзди илмҳои филология, дотсент Ашрапов Баҳодурҷон вогузор намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА-037 Ашрапов Б.П. чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Султонзода Гулбаҳор Абдувайит** таҳти роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии

тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Саидов Саидумрон Ғаниҷонович** таҳия шуда, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) таҳия ва ба тартиб даровaрда шудааст. Диссертатсия ва бастаи ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ санаи 9-уми августи соли 2024 ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба мундариҷаи шиносномаи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ аст. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияву автореферати кор ба талабот мувофиқ аст. Асолат ва ҳаққонияти диссертатсия ва автореферати кор ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ аст. Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Султонзода Гулбаҳор Абдувайит** барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Султонзода Гулбаҳор Абдувайит** дар мавзуи **«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Ғаффорова У.А.** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **Султонзода Тоҷибой** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзо.
- **Нуров Нуралӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзо.

3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 13 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Мирзоюнус М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Ашрапов Б.П.